# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо

Дар шароити муосир рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва амсиласозии математикӣ ба яке аз самтҳои калидии илмҳои дақиқ табдил ёфта, нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои мураккаби соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ пайваста афзоиш меёбад. Истифодаи ин технологияҳо имкон медиҳад, ки равандҳои бисёромила ва динамикии низомҳои биологӣ бо дақиқии баланд таҳлил ва оянддабинӣ карда шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад ва кишвар дорои захираҳои бойи табиӣ ва иқлимии мусоид мебошад, татбиқи усулҳои муосири амсиласозӣ барои арзёбӣ ва идоракунии равандҳои истеҳсолӣ аҳаммияти хосса пайдо менамояд. Аз ҷумла, соҳаи занбӯриасалпарварӣ ҳамчун ҷузъи муҳими низоми агросаноатӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо тавассути гардолудкунӣ ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди ғизоӣ нақши назаррас мебозад.

Таҳқиқи равандҳои рушди популятсияи оилаҳои занбӯри асал бо истифода аз амсилаҳои математикӣ ва технологияҳои рақамӣ имконият фароҳам меорад, ки қонуниятҳои тағйирёбии шумора, устуворӣ ва таъсири омилҳои муҳити зист ба фаъолияти онҳо муайян карда шаванд. Дар ин замина, татбиқи усулҳои амсиласозӣ на танҳо барои таҳлили ҳолати ҷорӣ, балки барои пешгӯии рушди минбаъдаи популятсия ва қабули қарорҳои асосноки илмӣ-амалӣ дар идоракунии соҳа аҳаммияти калон доранд. Аз ин лиҳоз, мавзуи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, он ба рушди назарияи амсиласозӣ, густариши татбиқи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, инчунин ба такмили механизмҳои таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба талабот ва самтҳои асосии шиносномаи ихтисоси илмии 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо, пурра мутобиқ мебошад.

Гузориш, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда дорои дараҷаи баланди илмӣ буда, дар асоси таҳлили амиқи назариявӣ, истифодаи усулҳои муосири амсиласозии математикӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти компютерӣ

ба даст омадаанд. Инчунин, асоснокии натиҷаҳои илмӣ тавассути таҳияи амсилаҳо бо татбиқи системаи муодилаҳои дифференсиалӣ ва таҳлили устувории ҳолатҳои мувозинатӣ таъмин гардидааст. Хулосаҳои умумӣ дар натиҷаи муқоисаи натиҷаҳои назариявӣ бо натиҷаҳои озмоишии компютерӣ ва таҳлили сенарияҳои гуногуни тағйирёбии параметрҳо ба даст омада, бо додаҳои воқеӣ мутобиқат доранд. Ин омилҳо аз устуворӣ, эътимоднокӣ ва илман асоснок будани пажуҳиши мазкур гувоҳӣ медиҳанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар таҳияи равиши мукаммали амсиласозии математикӣ ва таҳқиқи компютерии динамикаи популятсияи оилаи занбӯри асал ифода меёбад. Муаллиф бори аввал раванди марҳилаҳои ҳаёт, хусусиятҳои ҷинсӣ ва таъсири омилҳои биотикӣ, абиотикӣ ва антропогениро ба таври системавӣ гурӯҳбандӣ ва дар шакли амсилаҳои консептуалӣ ва математикӣ таҳқиқ намудааст. Дар асоси ин равиш системаҳои муодилаҳои дифференсиалӣ таҳия гардида, ҳалли ададии онҳо бо истифода аз усули Рунге-Кутта ва татбиқи барномаи компютерӣ амалӣ карда шудааст.

Навгонии дигар дар таҳияи амсилаи математикӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсии оилаи занбӯри асал ва сохтани функсияҳои ҳароратӣ, намнокӣ ва идоракунии ғизо ифода меёбад, ки имконияти арзёбии сифатӣ ва миқдории устуворӣ ва маҳсулнокии популятсияро фароҳам меорад. Бори аввал маҷмуи барномавии мукаммали таҳқиқотӣ таҳия гардидааст, ки барои таҳлил, идора ваояндабинии рушди оилаи занбӯри асал дар шароити тағйирёбии иқлим истифода бурда мешавад.

Саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада бо асоснoккунии математикӣ, истифодаи усулҳои маъмули ададӣ, санҷиши компютерӣ ва муқоиса бо маълумоти таҷрибавӣ таъмин гардида, эътимоднокии хулосаҳои илмӣ тасдиқ шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 44 интишорот пешниҳод шудаанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои асосии таҳқиқот, аз ҷумла, интихоби технологияҳои амсиласозии мувофиқ, таҳияи амсилаҳои консептуалӣ ва математикӣ, истифодаи усулҳои ададӣ, натиҷаҳои таҳқиқи компютерӣ ва таҳлили динамикаи популятсияи оилаи занбӯри асал пурра инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи пешниҳодгардида дорои аҳаммияти назарраси илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, ба рушди самти таҳқиқшавандаи занбӯриасалпарварӣ саҳми арзанда мегузорад. Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи муҳими соҳаи занбӯриасалпарвариро дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот ва технологияҳои амсиласозӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Натиҷаҳои бадастомада доираи донишҳои назариявиро васеъ намуда, барои таҳқиқоти минбаъда заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Аҳаммияти амалӣ дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ, таҳияи қарорҳои идоракунӣ ва такмили равандҳои марбут ба нигоҳдорӣ ва рушди оилаҳои занбӯри асал истифода шаванд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар беҳтар гардидани сатҳи идоракунии хоҷагиҳо, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли асал ва таъмини бозор бо маҳсулоти босифат ифода меёбад. Дар маҷмуъ, мавзуи интихобгардида барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим, саривақтӣ ва дорои аҳаммияти амалӣ мебошад.

Барасмиятдарории автореферат мутобиқ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, сохтор, пайдарпайии мантиқии мавод ва услуби баёни илмии кор ба талаботи расмӣ ҷавобгу мебошанд. Таҳқиқот ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия», ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия мутобиқ ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, муҳтавои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба таври фишурда ва возеҳ инъикос менамояд. Сохтор, ҳаҷм ва услуби баёни он ба меъёрҳои пешбинишуда ҷавобгу буда, ба мазмуни диссертатсия пурра мутобиқат доранд.

Бо вуҷуди навовгониҳои пешниҳодгардида, диссертатсия аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ орӣ набуда, ислоҳ ва такмили онҳо метавонад арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро боз ҳам баланд бардорад, аз ҷумла:

1. Робитаи мустақими натиҷаҳои назариявӣ бо нишондиҳандаҳои таҷрибавӣ ба таври кофӣ нишон дода нашудааст. Агар муҳаққиқ дар оянда, ин масъаларо муфассал ва асоснок намояд, бо манфиати кор хоҳад буд;
2. Ҳангоми шарҳи аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳо, рақамҳо ё мисолҳои мушаххаси татбиқи амалӣ оварда нашудаанд, ки истифодаи онҳо метавонист арзиши амалии диссертатсияро боз ҳам баланд бардорад.

Эродҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба сатҳи умумӣ, арзиши илмӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

## ХУЛОСА

1. Автореферати диссертатсияи Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар мегирад.
2. Автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо, сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**
д.и.и., дотсент, Ректори
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон З.Ф. Раҳмонзода

«Имзои Раҳмолнзода З.Ф.- ро тасдиқ мекунам».
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати ДТТ Абдуназаров А.
«07» 03 соли 2026